## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Субҳонзода Салоҳиддин Икром аз рӯйи мазмуну мундариҷа ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Мавзуи таҳқиқ ба яке аз самтҳои марказии илми фалсафа – таҳаввули таърихии тасвири илмии олам – бахшида шуда, дорои аҳамияти назариявию методологӣ ва маърифатшиносӣ мебошад. Муаллиф бо таҳлили густурдаи афкори фалсафии Шарқу Ғарб нишон медиҳад, ки тасвири илмии олам ҳамчун шакли хосаи шуури назариявӣ, дар ҷараёни инкишофи таърихи афкор аз марҳилаҳои мифологӣ, динӣ то илмии муосир ташаккул ёфтааст. Мубрамияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки он имконият медиҳад принсипҳо ва категорияҳои асосии фалсафаи илмро дар доираи мероси таърихии башар баррасӣ гардида, робитаи кулл, махсус ва муҷаррадро дар низоми маърифат муайян карда шавад.

Рисола аз ҷиҳати сохторӣ ва мантиқӣ пурра ва ҳамоҳанг аст. Дар он чор боб ҷой дорад, ки ҳар кадом ба марҳилаҳои муайяни ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам бахшида шудааст.

Мавзуи таҳқиқот дар шароити рушди босуръати илму технология ва ҳамзамон афзоиши таҳдидҳои ҷаҳонӣ хусусияти ниҳоят муҳим ва саривақтӣ дорад. Муаллиф далел меорад, ки барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, бахусус дар миёни насли ҷавон, зарур аст сохтори тасвири олам бо такя ба ду пояи асосии он – ҳастишиносӣ (онтология) ва маърифатшиносӣ (гносеология) – мавриди таҳқиқи чуқур қарор гирад (С.19).

Мақсади асосии кор таҳлили решаҳои таърихӣ, консептуалӣ ва методологии тасвири илмии олам, муайян кардани ҷанбаҳои умумӣ ва фарқкунандаи он дар мактабҳои фалсафии давраҳои гуногун, ва нишон

додани нақши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун унсурҳои калидии тафаккури фалсафӣ мебошад.

Дар таҳқиқот манбаъҳои таълимоти Юнони Қадим ва равияҳои фалсафии Шарқ бо таҳлилҳои мактабҳои асримиёнагӣ, Замони нав, фалсафаи классикии немис ва ҷараёнҳои муосир муқоиса карда шудаанд. Муаллиф тавонистааст тавассути таҳлили системавӣ равобити мантиқии ин мактабҳоро ошкор намояд ва шарҳи нав пешниҳод кунад, ки дар фалсафаи тоҷик то ин замон бо чунин тартиби комил анҷом наёфтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Довталаби дараҷаи илмӣ муҳимияту зарурати мавзуи таҳқикро бо он асоснок намудааст, дар он на танҳо заминаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва методологии масъалаи тасвири илмии оламро ошкор намудааст, балки категорияҳои калидии «кулл», «махсус» ва «муҷаррад»-ро ҳамчун унсурҳои системасоз дар сохт ва таҳаввули он муайян кардааст. Бо ин роҳ, муаллиф робитаи байни шаклҳои ҳастӣ ва модели фалсафии ҷаҳонро тавассути таҳлили таълимоти мактабҳои фалсафии Шарқу Ғарб инъикос намудааст.

Дар ин замина, муаллиф зимни таҳқиқи мавзуъ тавонистаст:

- манбаъҳои асосии таърихии фалсафаи Шарқ ва Ғарбро мавриди таҳлил қарор диҳад;
- масъалаи робитаи ҳастӣ ва маърифат, қонунҳои умумияти диалектикӣ ва таҳаввули шаклҳои шуури илмиро нишон диҳад;
- аз нигоҳи методологии муосир таърихи ташаккули тасаввури илмии оламро ҳамчун низоми динамикӣ арзёбӣ намояд.

Дар ин замина, дар диссертатсия як қатор натиҷаҳои нави илмӣ ба даст оварда шудаанд, аз ҷумла:

- бори аввал категорияҳои «кулл», «махсус» ва «муҷаррад» ҳамчун пояҳои онтологию гносеологии тасвири илмии олам баррасӣ шудаанд;
- равандҳои гузариши таърихӣ аз тасвирҳои мифологӣ ба илмӣ нишон дода шудаанд;
- низоми фалсафии Ибни Сино, Декарт ва Кант ҳамчун асоси ташаккули мафҳуми илмӣ-таърихии олам таҳлил шудааст;
- ҷанбаҳои умумияти фалсафаи Шарқ ва Ғарб дар бунёди амсилаи муосири тасвири илмии олам муайян гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ин натиҷаҳо арзиши назариявӣ дошта, ба рушди таҳқиқоти муосир дар соҳаи таърихи фалсафа мусоидат мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баёни мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фикру андешаҳо, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафу вазифаҳои шарт меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили осори фалсафии Шарқу Ғарб ба даст омада, хулосаҳо дар такя ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили илмӣ-фалсафии он ҳосил гардидаанд.

Ҳамзамон довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳқиқи мавзуъ, ки дорои арзиши баланди маърифатӣ ва фалсафӣ мебошад, як зумра тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи амалӣ пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, барои ташаккул ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, таҳкими унсурҳои маърифатӣ, таҳия ва такмили китобҳои дарсӣ бо таъкиди муҳимияти шинохти тасвири олам тавассути мақулаҳои бунёдӣ, истифодаи амсилаи таҳлили сохтории тасвири олам аз нигоҳи онтологӣ ва гносеологӣ барои таҳия намудани назарияҳои нави илмӣ, дар раванди омӯзиши байнифаннӣ, бахусус ҳамгироии фалсафа бо илмҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва забоншиносӣ, омӯзиши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун воситаи таҳкими тафаккури системавӣ ва таҳлилии донишҷӯён ва ғ.-ро пешниҳод намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб ва даҳ зербоб, хулосаю тавсияҳо, номгӯйи адабиёти истифодашуда ва мақолаҳои нашргардидаи муаллиф иборат буда, дар сохтор ва маводи он пайдарҳамии мантиқии масъалаҳо риоя гардидааст.

Боби якум **«Асосҳои назариявию метологии баррасии илмии олам ва сарчашмаҳо»** аз ду зербоб иборт мебошад. Дар доираи зербоби якум зимни омӯзишу таҳлили масъалаи асосҳои назариявию метологии баррасии тасвири олам, омилҳо ва тасвири он таввусути тавсифи ҷанбаҳои моҳиятии омилҳои ҳастӣ оқилона таъкид шудааст, ки «...дар замони муосир мафҳуми тасвири олам дорои чанд тафсир ва равишҳои таҳлилӣ мебошад; ...он ҳамчун шакли ҷамъбасти донишҳои бадастомада аз илмҳои табиатшиносӣ, бахусус физика, ки дар ташаккули ин тасвир нақши муҳим ва бунёдӣ дорад, маънидод мешавад» (С. 22).

Қобили зикр аст, ки тасвири илмии олам - бо таҳлили онтологӣ ва гносеологӣ баррасӣ шудааст, ки ба таҳқиқи таърихӣ-фалсафӣ вазни назариявӣ медиҳад. Дар он ҷойгоҳи се мақулаи меҳварӣ кулл, махсус, муҷаррад - ҳамчун «шабакаи категориявӣ» барои сохтордиҳии дониш бо тавзеҳоти возеҳ ва пайгиронаи мантиқӣ нишон дода мешавад. Муносибати иерархии кулл–махсус–муҷаррад ва нақши «махсус» ҳамчун миёнарави диалектикӣ аз дидгоҳи таърих ва мантиқ қаноатбахш асоснок гаштааст. Зербоби мазкур бо тарҳи возеҳи назариявӣ (аз мифологӣ то илмию фалсафӣ) хати таҳавулотии «тасвири олам»-ро пеш меорад ва саҳми анъанаҳои Шарқу Ғарбро бо тавозун инъикос медиҳад.

Дар ин радиф муаллиф таносуби категорияҳои «кулл - муҷаррад»-ро хеле хуб инъкос намудааст. Муҷаррад ҳамчун «таҷассумгоҳи умумият дар сатҳи фактҳои инфиродӣ» фаҳмонида мешавад. Дар матни пурра зерқисми ҷудогона барои фарқгузории муфассал байни «муҷаррад»-и мантиқӣ ва «муҷаррад»-и воқеиятшинос (унсури ҷудошуда дар таҷриба)

бо мисолҳои классикӣ (Кант, Гегел) ва фалсафаи муосир (фалсафаи аналитикӣ) баррасӣ шудааст.

Дар зербоби дуюми боби якуми **«Тасвири шаклҳои ҳастӣ тавассути мақулаҳои фалсафӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим ва пайравони шарқии он ҳамчун сарчашмаи ақидаҳо дар бораи тасвири илмии олам»** муаллиф бо истифода аз таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ нишон медиҳад, ки ҷаҳонбинии фалсафии Юнони Қадим - аз Милетҳо то Арасту - асоси аввалини фаҳмиши илмии оламро гузоштааст. Хеле ҷолиб аст, ки муаллиф тавонистааст робитаи мантиқии байни категорияҳои «ҳастӣ», «субстансия», «сабаб» ва «тағйир»-ро бо мафҳумҳои шарқӣ (масалан, дар мактабҳои фалсафии Ҳинд ва Эрон) баррасӣ менамуд. Афзалият дар он аст, ки таҳлил аз дидгоҳи диалектикии умумӣ анҷом ёфтааст.

Боби дуюми рисолаи **«Таҳаввул ва рушди афкор дар бораи тасвири илмии олам тавассути таснифи шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти файласуфони гузашта»** аз се зербоб иборат буда, аз ҷиҳати мундариҷа ва таҳлил яке аз қисмҳои пурбори рисола мебошад. Муаллиф тавонистааст таҳаввули мафҳуми «тасвири олам»-ро аз асрҳои миёна то фалсафаи Замони нав пайгирона нишон диҳад.

Дар ин радиф муаллиф ду равияи калидӣ «динӣ-теологӣ ва натуралистӣ»-ро муқоиса намуда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна илму фалсафа тадриҷан аз қолаби схоластикӣ берун омаданд.

Таҳлили фалсафаи классикии олмонӣ (Кант, Фихте, Гегел) бо риояи мантиқи дохилии низоми онҳо анҷом дода шудааст. Муаллиф тавонистааст робитаи байни фалсафаи шарқӣ ва ғарбиро дар доираи мафҳумҳои умумӣ ва ҷузъӣ нишон диҳад, ки ин равиши нав аст.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашудашуда, диссертант воқеиятро ба се зинаи асосӣ табақабандӣ менамояд, ки ҳар кадом баҷанбаҳои муайяни ташаккули тасвири ҷаҳон мувофиқанд:

1. Воқеият дар маънои онтологӣ, яъне худи олам бо тамоми объективии он, ки мустақил аз шуури инсон вуҷуд дорад.
2. Ин ҳамон воқеият, ки дар доираи шаклҳои гуногун таҷассумшудаи мафҳумӣ- илм, фалсафа, дин, санъат ва ғайра ифода ёфтааст.
3. Худи мафҳумҳои ҳамчун унсури калидии фаъолияти маърифатӣ, ки дар заминаи он раванди шинохт ва тафсири воқеият сурат мегирад. «Ин сатҳ ба фаъолияти маърифатии инсон бахшида шудааст ва ду ҷанбаи муҳими ҷамъбасти – гносеологӣ ва методологиро дар бар мегирад» (С.153). Ҳамзамон, диссертант ба таҳқиқ ниёз доштани онҳоро қайд намудааст.

Дар боби сеюм **«Ҷанбаҳои онтологию гносеологӣ ва методологию ҷаҳоншинохтии тасвири илмии олам дар таълимоти фалсафӣ»** муаллиф сохтори дохилии тасвири илмии оламро бо ҷудо кардани се сатҳ - онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ шарҳ медиҳад.

Ҷанбаҳои онтологӣ бо тавзеҳи дақиқи мафҳумҳои ҳастӣ, воқеият ва мавҷудот таҳлил шудаанд.

Ҷанбаҳои гносеологӣ хеле возеҳ, бо такя ба принсипҳои мантиқии шинохт ва таҷриба, таҳлил шудаанд; равиши муосири методологӣ низ ҷалб шудааст.

Муаллиф робитаи байни тасвири илмӣ ва ҷаҳонбинии инсонро ба таври зайл нишон додааст: «...Ҷанбаи умумии тасвири олам ба се ссатҳи ҷаҳонӣ мувофиқ мебошад: сатҳи ҷаҳобии универсалӣ (кулл), ки умумияти оламро ифода менамояд; сатҳи ҷаҳонбинии хусусӣ (махсус), ки дар доираи муҳити иҷтимоӣ – таърихии муайян шакл мегирад; ва сатҳи ҷаҳонбинии инфиродӣ (муҷаррад), ки таҷассумгари таҷрибаи фардии инсон мебошад» (С.254).

Дар боби чорум **«Мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун ҷузъҳои сохтории тасвири илмии олам дар фалсафаи даврони муосири Ғарб»** таҳлили васеи фалсафаи асри XIX–XX ҷамъбаст мешавад. Муаллиф бо таҳлили фалсафаи неокантиён, феноменология ва экзистенсиализм нақши мақулаҳои фалсафиро дар барқарории тасвири илмӣ нишон медиҳад. Таҳлили постмодернизм бо зикри идеяҳои Деррида, Фуко ва Лиотар аз ҷиҳати мантиқ ва иртиботи консептуалӣ бо мавзӯи умумии рисола пурра ва замонавӣ мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки нуктаҳо ва хулосаҳои он метавонанд дар коркарди курсҳои махсуси таълимӣ, лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, таърих ва фалсафаи илм, консепсияи табиатшиносии муосир ва ғайра истифода шаванд. Инчунин, муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои амалии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ метавон истифода бурд.

Ҳамзамон аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили методологияи таҳлили фалсафӣ ва тавсеаи заминаҳои консептуалӣ барои фаҳмиши сохтори воқеият ва муносибати инсон бо он ифода меёбад. Аҳамияти амалии он дар имкони истифодаи натиҷаҳо дар таҳияи курсҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин дар таҳқиқоти байнисоҳавӣ мебошад. Муаллиф бо такя ба таҳқиқоти амиқ ва манбаъҳои аслӣ, ташаккул ва тағйирёбии тасвири илмии оламро ҳамчун падидаи фалсафӣ дар раванди инкишофи таърихи андешаи башарӣ таҳлил кардааст. Аз дидгоҳи назариявӣ, диссертатсия сохтори тасвири илмии олам мусоидат мекунад; аз дидгоҳи амалӣ, барои таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ (хоса дар муҳити таълим) заминаи устувор фароҳам меорад.

Натиҷаҳои рисола барои таҳияи курсҳои таълимӣ оид ба таърихи фалсафаи илм, гносеология, методологияи илм ва таърихи фалсафаи Шарк истифода шуда метавонанд. Инчунин, маводи таҳқиқотӣ барои

таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои олии кишвар муфид аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар 19 мақолаи тақризшавандаи илмии дар феҳрасти маҷаллаҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, инъикос шудаанд. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар 10 конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва симпозиумҳо маъруза гардидаанд. Ҳамаи мақолаҳои нашршуда ва маърузаҳои диссертант ба мавзуи диссертатсия робитаи бевосита доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳияи диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо нисбат ба мазмуну муҳтавои диссертатсия.**

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар баъзе қисматҳои рисола, бахусус дар муқоисаи низомҳои фалсафии Шарқ ва Ғарб, истилоҳоти фалсафӣ ниёз ба дақиқтар кардани таъбирҳои категориявӣ доранд (масалан, мафҳуми «илмият» ва «таҷрибавият»).

2. Баробари манбаъҳои классикӣ мебояд истинод ба баҳсҳои имрӯзии фалсафаи илм (тасвири олам дар илмҳои когнитивӣ, моделсозӣ дар физика/биология, нақши идеализатсияҳо) то пайванди назария бо амалияи илмҳои дақиқ возеҳтар нишон дода мешуд.

3. Дар қисмати боби 2, зербоби 2 ҷиҳати баёни таҳаввули тасвири олам ишора ба Н.Кузанский, Н.Коперник, Г.Галилей ва дигарон мувофиқи мақсад буд, зеро фазои холигии таҳқиқот пурра мегардид.

4. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои хориҷӣ ё дар сатҳи байналмилалӣ метавонистанд бештар пешниҳод шаванд, ки арзиши амалӣ ва байналмилалии таҳқиқот боз ҳам меафзуд.

Бояд қайд намуд, ки ин мулоҳизаҳо хусусияти умумӣ дошта, ба арзиши илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, рисолаи доктории Субҳонзода Салоҳиддин Икром «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» таҳқиқоти фарогир ва мукаммали таърихию-фалсафӣ мебошад, ки масъалаи асосии ташаккули тасвири илмии оламро дар заминаи категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад бо риояи таҳлили онтологӣ ва гносеологӣ мавриди баррасии амиқ қарор додааст. Муаллиф тавонистааст робитаи байни равияҳои фалсафии Шарқу Ғарбро дар доираи мантиқи ягона нишон дода, тарҳи назариявии нав барои фаҳмиши сохтори дониш ва ҷаҳонбинии илмӣ пешниҳод намояд. Рисола дорои навгонӣ, асоснокии мантиқӣ ва аҳамияти назариявию амалии баланд буда, ҷавобгӯйи талаботи сатҳи доктории илмҳои фалсафа мебошад ва ба ҳимоя тавсия мегардад.

Рисолаи доктории як таҳқиқоти мустақил, пурмуҳтаво ва нав мебошад, ки бо мантиқи илмӣ, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти фалсафӣ фарқ мекунад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти мазмун, сохтор, сатҳи баланди таҳлил ва навгониҳои илмии бадастомада, диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром, ки дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи фалсафаи Донишгоҳи
давлатии Кулоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ибодов М.О.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Кулоб, кӯчаи С.Сангов, 145
Тел: (992) 918-21-84-46

Имзои М.О. Ибодовро тасдиқ менамоям:
Сардори РККМ ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Кулоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел: (+992) (83322) 2-35-06, (83322) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj

«17» ___11___ соли 2025